# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №34

**аз 24 декабри соли 2010** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ марбут ба баҳсҳои аз ҳабс озод ё аз рӯйхат хориҷ намудани молу мулк**
***(бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарори Пленум аз 18 ноябри соли 2013, №11 ворид гардидааст)***

Бо мақсади таъмини ягонагии таҷрибаи судӣ ҳангоми татбиқи санадҳои қонунгузорие, ки тартиби баррасии парвандаҳои граждaниро оид ба баҳсҳои аз ҳабс озод ё аз рӯйхат хориҷ намудани молу мулк ба танзим медароранд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д :**

1. Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки мувофиқи талаботи моддаи 32-и Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар кас ҳақ дорад соҳиби моликият бошад. Ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст.

Масъалаҳои мазкур, инчунин бо Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948), Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (соли 1995) ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба танзим даровардa мешаванд.

2. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки баррасии саривақтӣ ва асоснокии баҳсҳои аз ҳабс озод ё аз рӯйхат хориҷ намудани молу мулк таъмини кафолати ҳифзи манфиатҳои қонунии давлат, ҳуқуқи молу мулкии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мебошад.

Иҷрочии суд рӯйхати молу мулки қарздорро ба миқдоре, ки ҷиҳати пардохтани маблағи ба фоидаи ситонанда муқарраршуда ва хароҷоти иҷро зарур аст, тартиб медиҳад. Иҷрочии суд метавонад ба молу мулки ба рӯйхат гирифташуда мӯҳр гузорад (қисми 1 моддаи 47-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» №373 аз 20.03.2008 с.).

Қарорро дар бораи ҳабси молу мулк иҷрочии суд имзо намуда, нусхаи онро ба тарафҳо месупорад (қисми 2 моддаи 48-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» №373 аз 20.03.2008 с.).

Мувофиқи муқаррароти моддаи 116-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ), ҳабси молу мулк чораи маҷбурии мурофиавӣ буда, аз номнависии молу мулк ва ба молик ё соҳиби он манъ кардани ихтиёрдорӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ истифода бурдани ин молу мулк иборат мебошад.

Ҳабси молу мулк барои таъмини даъвои гражданӣ ё эҳтимоли мусодираи молу мулк татбиқ карда мешавад. Мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо ризои прокурор дар бораи ҳабси молу мулки гумонбаршуда, айбдоршаванда ё шахсоне, ки мувофиқи қонун барои кирдорашон аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгаранд, ба суд дархост пешниҳод менамоянд. Судя дар бораи ҳабси молу мулк қарор мебарорад.

Аз ин лиҳоз, судҳо бояд дар вақти баррасӣ ва ҳаллӣ ҳамин намуд парвандаҳо муайян намоянд, ки ҳангоми ба ҳабс гирифтани молу мулки дар қисми 1 моддаи 57 КҶ нишондодашуда талаботи меъёрҳои қонунҳои зикргардида риоя карда шудаанд ё не.

3. Ҳангоми иҷрои ситониш аз молу мулки ба ҳабс гузошташуда ҳуқуқи молу мулкии шахсони дигар ҳифз карда мешавад. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳс вобаста ба таалluқдории молу мулке, ки ба он ситониш нигаронида мешавад, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии манфиатдор ҳуқуқ доранд оид ба озод кардани молу мулк аз ҳабс ё аз рӯйхат хориҷ намудани он ба суд бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намоянд.

4.Бояд дар назар дошт, ки роҷеъ ба парвандаҳои зикргардида ба сифати даъвогар соҳибмулк, идоракунандаи қонунии молу мулки ба ҳабс гузошта ё ба рӯйхат гирифта, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ мақомоти андоз, гаравгир ва дигар шахсон, ки амали иҷрои ситониш аз молу мулки ба ҳабс гузошташуда ҳуқуқашонро вайрон мекунад, иштирок менамоянд.

Ҷавобгар дар баҳси мазкур шахси қарздор, ки молу мулкаш ҳабс гузошта ё ба рӯйхат гирифта шудааст, инчунин шахсоне, ки ба манфиати онҳо молу мулк ба ҳабс гузошта ё ба рӯйхат гирифта шудааст, ситонанда ва агар ба ҳабсгирӣ ё ба рӯйхатгирии молу мулк вобаста ба мусодираи молу мулк анҷом додашуда бошад, ба сифати ҷавобгар шахси маҳкумшуда ва мақомоти дахлдори давлатӣ ҷалб карда мешаванд.

Агар молу мулки ба ҳабс ё ба рӯйхат гирифташуда фурӯхта шуда бошад, даъво нисбати ҳамон шахсоне пешниҳод карда мешавад, ки молу мулк дар ихтиёри онҳо қарор дорад.

5. Вобаста ба аризаҳои даъвогӣ дар бораи аз ҳабс озод кардан ё аз рӯйхат хориҷ намудани молу мулк боҷи давлатӣ аз рӯи нархи даъво мутобиқи банди 1 қисми 2 моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» пардохта мешавад.

6. Судя ҳуқуқ надорад қабули аризаи даъвогиро рад намояд ё ин ки суд баррасии парвандаро дар бораи аз ҳабс озод намудан ё аз рӯйхат хориҷ кардани молу мулк бо он асосҳо қатъ намояд, ки баррасии парвандаи ҷиноятӣ, вобаста ба молу мулки ба ҳабс гузошта ё ба рӯйхат гирифташуда, ба итмом нарасидааст. Суд чунин аризаи даъвогиро бояд ба мурофиаи судӣ қабул намояд ва новобаста аз баррасӣ ва ҳал гардидани парвандаи ҷиноятӣ онро моҳиятан мавриди баррасӣ қарор диҳад. Агар то баррасӣ гардидани парвандаи ҷиноятӣ дида баромадани даъвои аз ҳабс озод намудан ё аз рӯйхат хориҷ намудани молу мулк имконнопазир бошад, баррасии парванда бояд мутобиқи сархати 4 моддаи 220-и КМГ боздошта шавад.

Ҳангоми пешниҳод гардидани даъво дар бораи аз ҳабс озод кардани молу мулк ё аз рӯйхат хориҷ намудани он, судя ӯҳдадор аст чораёни иҷроро то эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳалномаи судӣ аз рӯи даъвои пешниҳодгардида (сархати 4 моддаи 421 ва сархати 3 қисми 1 моддаи 423-и КМГ) новобаста аз дархости даъвогар боз дорад. Оид ба натиҷаи баррасии масъалаи боздошти чораёни иҷро суд таъинот мебарорад ва онро ба ситонанда, қарздор ва иҷрочии суд, ки ҳуҷҷати иҷро мавриди иҷрои ӯ қарор дорад, тибқи талаботи қисми 2 моддаи 425-и КМГ ирсол менамояд.

Пешниҳод намудани даъво дар бораи аз ҳабс озод намудан ё аз рӯйхат хориҷ кардани молу мулк ба муроҷиати ситонанда ҷиҳати нигаронидани ситониш ба молу мулки дигари қарздор, ки нисбаташ даъво дар бораи аз ҳабс озод кардани молу мулк пешниҳод нашудааст, монеа намегардад.

Дар сурати пешниҳод гардидани даъво дар бораи аз ҳабс озод кардан ё аз рӯйхат хориҷ намудани молу мулк судя ҳуқуқ дорад дар асоси аризаи шахсони иштирокчии парванда ба тариқи андешидани тадбирҳо оид ба таъмини даъво мувофиқи муқаррароти сархати 4 қисми 1 моддаи 143-и КМГ дар бораи боздоштани фурӯши молу мулк таъинот қабул карда, мақоми дахлдори давлатиро, ки молу мулк ё ҳуқуқ ба онро ба қайд мегиранд, огоҳ месозад.

7. Ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, судя бояд мутобиқи талаботи сархати 3 қисми 1 моддаи 153-и КМГ масъалаи ба парванда ба сифати ҷавобгарон, ҳамҷавобгарон ҳамроҳ шудани мақомоте, ки ба молу мулк ҳабс гузоштааст ё онро ба рӯйхат гирифтааст, мақомоти молия, дигар ташкилотҳои манфиатдор, қарздор ва маҳкумшударо ҳал намояд. Дар

давраи омодасозии парванда ба мӯҳокимаи судӣ судя масъалаи ба парванда ҳамроҳ шудани ҳамдаъвогарон, ҳамҷавобгарон ва шахсони сеюмро ҳал менамояд.

Дар ҳолате, ки қарздор (маҳкум) дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ бошад, судя нусхаи ариза ва ҳуҷҷатҳои замимагардидаро, ки талаботи даъвогарро асоснок мекунанд ба ӯ ирсол карда, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мурофиавиашро тавзеҳ дода, дар бораи вақт ва маҳаллӣ баррасии парванда ӯро огоҳ менамояд.

8. Дар вақти баррасии ин намуд парвандаҳо талаботи моддаи 58-и КМГ оиди ӯҳдадории тарафҳо дар хусуси исботи ҳолатҳои парванда риоя карда мешавад. Яъне тарафҳо бояд ҳолатҳоеро исбот намоянд, ки асоси талаботи даъво ва норозигии онҳо мебошад. Судҳо вазифадоранд, ки дар асоси далелҳои пешниҳодкардаи тарафҳо ба таври мушаххас муайян кунанд, ки оё даъвогар молики молу мулке, ки ба ҳабс ё ба рӯйхат гирифта шудааст мебошад ё не, дар асоси қонун ё шартнома он молу мулкро соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ мекунад, оё тибқи ҳукми суд молу мулки мазкур ба маблағи бо роҳи ҷинояткорӣ бадастомада эътироф шудааст ё не ва ғайра.

Агар ҳолатҳои мансубияти молу мулк танҳо бо воситаи муайяни исбот тасдиқ гардад (моддаи 63-и КМГ– ҷоизии далелҳо), суд наметавонад ин ҳолатҳоро бо воситаҳои дигари исбот тасдиқшуда, ҳисоб кунад.

9. Дар сурати мурожиат намудан оид ба ситонидани ҳиссаи қарздор аз молу мулки муштараки зану шавҳар, ҳангоми муайян кардани ҳиссаи ҳар яке аз онҳо бояд талаботи боби 7-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КО) ба эътибор гирифта шавад.

10. Аз рӯи даъво дар бораи аз ҳабс озод намудани молу мулке, ки зану шавҳар ҳангоми ақди никоҳашон ҳамчун ҳадя гирифтаанд, бояд аниқ санҷида шавад, ки оё ин амвол ба яке аз зану шавҳар ё ба ҳардуи онҳо ҳадя шудааст. Зеро дуруст ҳал намудани талаботи даъвогӣ ба ин ҳолат алоқаманд мебошад.

Дар сурати вуҷуд надоштани далелҳои бо қонун иҷозатдодашуда, ки мавҷудияти шартномаи ҳадяи молу мулкро ба яке аз ҳамсарон тасдиқ намояд, молу мулки мазкур бояд ба молу мулки муштараки зану шавҳар дохил карда шавад.

11. Дар мавриди муайян кардани андозаи ҳисса ба молу мулке, ки дар моликияти умумии қарздор ва даъвогар қарор дорад, инчунин муайян кардани ҳисса дар амволи тақсимнашаванда, суд бояд арзиши аслии молу мулки мазкурро дар рӯзи баровардани ҳалнома муқаррар намояд. Арзиши аслии молу мулк мутобиқи арзиши бозоргонӣ, ки дар рӯзи қабули ҳалнома амал менамояд, муайян карда мешавад. Агар муайян кардани арзиши баъзе намуди молу мулк мушкили ба миён орад даъвогар ё ҷавобгар арзиши молу мулки ба рӯйхат гирифташударо мавриди баҳс қарор диҳанд, суд барои муайян кардани арзиши аслии он метавонад экспертизаи судӣ таъин намояд.

12. Агар суд ҳангоми ба ҳабс гирифтани молу мулк қонунеро, ки барои бекор кардани баҳабсгирӣ асос мешавад, вайрон карда бошад, сарфи назар аз мансубияти молу мулк ба қарздор ё дигар шахсон, суд аризаи қарздорро дар хусуси бекор кардани баҳабсгирӣ бо тартиби муқарарнамудаи моддаи 425-и КМГ баррасӣ менамояд. Чунин ариза метавонад то фурӯши молу мулки ба ҳабс гирифташуда пешниҳод гардад.

Дар ҳолате, ки агар даъво оид ба аз ҳабс озод намудан ё аз рӯйхат хориҷ кардани молу мулки мусодирашаванда дахл дошта бошад, суд бояд дар куҷо будани ин молу мулк ва ба рӯйхат гирифтани онро муайян кунад, зеро ҳолати мазкур ба имконпазирии баргардонидани молу мулк дар шакли аслиаш таъсир мерасонад.

Мавриде, ки молу мулки ба ҳабс гузошташуда ё ба рӯйхат гирифташуда дар мақомоти молия ё ташкилотҳои савдо ва дигар муассисаҳо, ки дар он ҷо барои фурӯхтан, коркард намудан қарор дошта бошанд, он гоҳ ин молу мулк дар намуди аслиаш баргардонида мешавад. Дар ин ҳолат ба ғайр аз мақомоти молия барои иштирок дар парванда, инчунин ташкилотҳои зикргардида ҷалб карда мешаванд, ки молу мулкро баргардонанд.

Дар сурати қонеъгардонии даъво ҷиҳати баргардонидани молу мулки фурӯхташуда суд баҳси байни шахси бадастоварандаи молу мулк, ситонанда ва қарздорро бо тартиби мурофиаи

даъвогӣ бо назардошти меъёрҳои КГ, ки масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи молу мулкиро ба танзим медароранд, баррасӣ менамояд.

13. Дар қисми хулосавии ҳалнома аз рӯи ин намуд парвандаҳо, судҳо бояд молу мулке, ки аз ҳабс озод ё аз рӯйхат хориҷ карда мешаванд, арзиши он, ба фоидаи кӣ озод карда шуданаш ва ба моликӣ ё соҳибии кӣ супурда шуданашро дарҷ намоянд.

14. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи талаботи банди «г» моддаи 231-и КГ нисбати талаботи молик ё дигар соҳиби молу мулк оид ба рафъи ҳама гуна вайронкунии ҳуқуқии ӯ, ҳарчанд ин вайронкуниҳо бо маҳрум кардан аз соҳибият ба молу мулк алоқаманд намебошанд (моддаи 325-и КГ), аз ҷумла бо сабаби ба ҳабс гирифтани молу мулк мӯҳлати даъво татбиқ карда намешавад.

Судҳо дар вақти баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои мазкур бояд талаботи қонуни моддии зикргардидаро ва зарурияти татбиқи онро аз мадди назар дур намонанд.

15. Ҳангоми муайян кардани ҳолатҳои вайронкунии қонун суд ҳуқуқ дорад таъиноти хусусӣ қабул намуда, онро ба ташкилот ва шахсони мансабдори дахлдор ирсол намояд.

Ҳангоми суд дар амали тарафҳо, дигар иштирокчиёни мурофиа, шахси мансабдор ё дигар шахси масъул дар мавриди ба ҳабс гузоштан ё ба рӯйхат гирифтани молу мулк аломати ҷиноятро ошкор намояд, маводҳоро барои қабули қарори дахлдори қонунӣ ва асоснок нисбат ба қонунвайронкунанда ба мақомоти прокуратура ирсол менамояд.

16. Бо қабул гардидани Қарори мазкур, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 1983, №1 «Дар бораи аз ҷониби судҳои Республикаи Тоҷикистон иҷро намудани қарори Пленуми ИҶШС аз 31 марти соли 1978 «Дар бораи қабули қонунгузорӣ аз тарафи судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳо оиди озод кардани молу мулк аз ҳабс (аз рӯйхат баровардан)» (бо тағйироту иловаҳо ба қарори Пленум аз 28 декабри соли 1989 №9 ворид карда шудааст) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**